# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Мақсаду вазифаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи наврасону ҷавонон чун бунёдгари ҷомеаи демократӣ раванди доимо амалкунанда, пешраванда буда, дар назария ва амалияи тарбиятии халқи тоҷик, таҳқиқоти илмии муосир мавриди истифодабарӣ бурданро талаб мекунад. Тарбияи ватандӯстӣ, хештаншиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ ҷузъи асосии кори таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб меёбад ва яке аз самтҳои муҳими Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҷиҳати ҷалб намудани насли наврас ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, татбиқи амалии тарбияи миллӣ тавассути кулли фанҳои таълимӣ дониста шудааст.

Педагогикаи миллӣ воситаи муассир ва таъсиррасонии тарбиявӣ буда, омили муҳими тарбияи худогоҳӣ, худшиносӣ, шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ буда, он хусусиятҳои миллӣ, халқӣ ва қавмиро дар худ таҷассум намуда, нерӯи таъсиррасонӣ ба рушди маънавӣ ахлоқии наврасону ҷавонон дар таҷрибаи бисёрҳазорсолаи халқ санҷида, такмил ёфтааст. Он муҳити иҷтимоиеро таъмин менамояд, ки он ба ҳиссиёт, шуур ва рафтори наврасон, ки давраи гузариш аз кӯдакӣ ба наврасию ҷавониро паси сар менамоянд, хеле муҳим ва арзишманд мебошад.

Дар рисолаи пешниҳодшуда андешаҳо оид ба масоили назариявӣ ва методологӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъият ва нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони баён шудааст.

Асоси таҳқиқоти унвонҷӯйро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони ватанию хориҷӣ оид ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯй дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Диссертант мавзуеро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки муҳим ва мубрам аст, зеро аз муассисаҳои таълимӣ сар карда, ба ҳаёт омода намудани насли ҷавон кафолати тарбияи дурусти ватандӯстии наврасонро таъмин намуда, ин арзиши олии иҷтимоии миллӣ ва умумибашариро дар замири худ парвариш менамояд.

Бояд қайд кард, ки муҳақиқ бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти

диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва кор ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуи таҳқиқот асоснок шуда, дастгоҳи илмии таҳқикот муайян, мақсаду вазифаҳо ва фарзияи кор таҳия, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳо ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мухтасар ва амиқ муайян карда шудаанд.

Падидаи **навгонӣ** ва бозёфти рисола ба он арзёбӣ мегардад, ки натиҷаҳои дар рисолаи илмӣ ба дастомада бештар нуқтаҳои илмӣ ба ҳисоб рафта, ҷанбаи назариявию амалии кори илмӣ, махсусан фарзияи илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро инъикос мекунанд. Аз ҷумла:

- ҳамаҷониба қонуниятҳои таърихию педагогии рушди фаъолияти ҷашну маросими миллӣ ҳамчун тарбияи ватандӯстӣ дар давраҳои гуногун ҳамчун раванди мураккаби динамикӣ аниқ карда шуд;

- маводи таърихӣ-педагогӣ ва бадеӣ-педагогӣ, этнографӣ, этнологӣ, ки ҷанбаҳои тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ ва ташаккули шахсияти хонандагонро фаро нагирифта буд ё ба қадри кофӣ омӯхта нашуда буд, мавриди таҳлил қарор дода шуд;

- аҳамияти таърихии инкишоф ва интиқоли ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон муайян карда шуд;

- имконоти гуногуни истифодаи ҷашну маросими миллӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ дар низоми ягонаи таҳсилот ошкор карда шудаанд;

- вазъи истифодаи ҷашну маросими миллӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва баланд бардоштани маданияти педагогии омӯзгорон таҳлил карда шуд;

- роҳҳои истифодаи оқилонаи унсурҳои миллӣ ва умумибашарии педагогикаи халқӣ бо назардошти хусусиятҳои миллии онҳо, падидаҳои нави иҷтимоию педагогии ҷомеа муайян карда шуд.

**Аҳамияти наариявӣ ва амалии таҳқиқот** - илман асоснок намудани тарбияи ватандӯстии хонандагон тибқи назарияи илмӣ-педагогӣ ва татбиқ намудани мероси чандинасраи халқи тоҷик дар шакли ҷашну маросимҳо;

- ошкор намудани нақши ҷашну маросими миллӣ дар назария ва амалияи тарбияи ватандӯстии хонандагон;

- ҳангоми инъикоси ҷашну маросими миллӣ, ба назар гирифтани рафтор, ҳиссиёт ва таасуроти хонандагон;

- ҳангоми баррасии усулу воситаҳои анъанавии тарбияи ватандӯстӣ ба назар гирифтани давраҳои гуногуни инкишофи шахсият, махсусан хусусиятҳои хонандагони синфҳои 9-11 муссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- асоснок намудани моҳияти ҷашну маросимҳое, ки дар муссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавҷуд аст ва муайян намудани роҳҳои бартараф намудани камбудиҳо;

- инкишофи минбаъдаи назария ва амалияи тарбияи ватандӯстӣ ва такмил додани амалияи таъсири байниҳамдигарии мактабу ҷомеа.

Дар муқаддима зарурияту аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян гардидаанд.

**Боби якум** «Ҳадафмандии ҷашну маросими халқи тоҷик дар тарбияи ватандӯстии хонандагон» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум «Таҳлили назариявии ҷойгоҳи ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11»-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Қайд гардидааст, ки муносибат ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, махсусан ҷашну маросими миллӣ имкон медиҳад, ки нақш, мақсад ва вазифаи онҳоро дар ҳаёти инсон ва ҷомеа дарк намуда, дар кори тарбиявӣ дуруст истифода бурда шавад. Яъне бо назардошти анъана ва ҷашну маросимҳо, чи тавр ба одамон муносибат кардан, чи тавр одоби муоширатро риоя намудан, ҳамаи ин арзиши тарбиявии онро ташкил медиҳад.

Дар зербоби дуюм «Таҳаввули моҳияти арзишҳои ахлоқию хештаншиносии ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ» ном дошта, дар он ҷанбаҳои назариявии ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар илми педагогика таҳқиқ карда шудааст.

**Боби дуюми диссертатсия** «Зарурати мутобиқсозии ҷашну маросими халқи тоҷик дар низоми тарбия ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» буда, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал ба масъалаи «Хусусиятҳои таснифоти анъана ва ҷашну маросимҳои халқи тоҷик дар тарбия ватандӯстии хонандагон» мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, муаллиф андешаҳои ҷолибе баён намудааст.

Зербоби дуюми боби дуюм «Озмоиши технологияи педагогии амалисозии тарбияи ватандӯстии хонандагон тавасути ҷашну маросими миллӣ» буда, дар он бо истифода аз озмоишҳо технологияи амалисозии ҷашну маросими миллиро ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳаллу фасл намудааст.

Дар кори илмӣ-таҳқиқотии диссертант нуқтаҳои назари илмӣ-методологӣ ва асосҳои назариявии тарроҳии технологияҳои ба ташаккули муносибати арзишнок нисбат ба тарбияи ватандӯстӣ нигаронидашуда муайян карда шудааст. Тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант такмили раванди тарбияи ватандӯстиро таъмин мекунад.

Аз таҳлили кори таҳқиқотӣ маълум мегардад, ки довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст.

Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ мебошад ва муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи муаллиф мазмуни таҳқиқотро инъикос мекунад.

Натиҷаҳои ба дастомадаи муҳаққиқ, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию – методӣ дар кори илми таҳқиқотӣ асоснок карда шудаанд.

Вале барои боз ҳам беҳтар гардидани мазмуну муҳтавои кори таҳқиқотӣ баъзе тавсияҳои хешро пешниҳод менамоям:

1. Хуб мешуд, ки дар кори таҳқиқотӣ иқтибосҳо аз таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ бештар оварда мешуд.

2. Дар кори таҳқиқотӣ баъзе ғалатҳои техникӣ мушоҳида мегардад, киислоҳи онҳо зарур мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» ба талабот КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забони русии
МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" У. Р. Юлдошев

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Сино 29-30.
Телефон: 985296478. E-mail: umarjon58@mail.ru

Имзои У. Р. Юлдошевро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати рушди кадрии
МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино",
номзади илмҳои тиб Сафаров Б.И.

20.08.2025